Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

**Swiss Cooperation Office Tajikistan**

# Лоиҳаҳои хурди грантӣ
# Дастур барои дархостдиҳандагон

## Тавсиф

Лоиҳаҳои хурди грантӣ воситаи Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ (ДШҲ) мебошад, ки фаъолиятҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати онро дар соҳаи рушд пурра менамояд. Ин хати қарзӣ барои тақвияти самтҳои асосии фаъолият мутобиқи стратегияи татбиқшавандаи ҳамкории Швейтсария дар Тоҷикистон, махсусан, бо ҷанбаҳои навоваронаи дахлдор ба соҳаҳои афзалиятнок (таъмини об, инфрасохтору тағйирёбии иқлим, тандурустӣ, шуғлу рушди иқтисодӣ, идоракунӣ, муассисаҳо ва мутамарказкунонӣ) истифода бурда мешавад.

**Инчунин лоиҳаҳо мавзӯъҳои зеринро метавонанд фаро гиранд:**

- имкониятҳои баробари занону мардон,
- шаффофият ва фарогирии раванди қарорқабулкунӣ,
- истисноӣ ва дастрасӣ,
- пешгирӣ намудани низоъ ва шиддатҳо,
- нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти захираҳои табиӣ

## Лоиҳаҳое, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд

Лоиҳаҳои мавзӯъҳои зерин маблағгузорӣ карда намешаванд:

- грантҳо барои сафар
- давраҳои омӯзишӣ
- чорабиниҳои хайриявӣ
- стипендияҳо
- танҳо хароҷоти ҷорӣ (маош, иҷора)
- материалҳо ва таҷҳизот

## Дархосткунандагони мақбул:

Ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ё инфиродӣ дар шароите, ки лоиҳаи пешниҳодӣ, ба як ё якчанд масъалаҳои соҳаи барномаи ҳамкории Швейтсария алоқаманд будан ва ба талаботҳои маъмурии ДШҲ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будан метавонанд лоиҳаи дархостӣ пешниҳод кунанд.

## Мӯҳлат

Давомнокии лоиҳаҳои хурд ҳадди аксар 12 моҳро ташкил медиҳад (ва барои ҳисобот иловатан 30 рӯзи тақвимӣ дода хоҳад шуд).

## Раванди пешниҳоди дархостҳо (қадами 1)

Ба дархостдиҳандагон зарур аст, ки консепсияи мухтасар, тавсиф (на бештар аз 1 саҳифаи формати A4 бо шрифти Arial 10) ва ғояи лоиҳа/консепсияи лоиҳаро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар шакли электронӣ (дар формати Word) ва ё дар шакли чопӣ пешниҳод намоянд.

Лоиҳаҳои дархостӣ бояд ба суроғаи электронии dushanbe@eda.admin.ch ва ё дар шакли чопӣ ба Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Толстой 3 фиристода шаванд. Ҳуҷҷати тасдиққкунанда дар бораи гирифтани дархостнома дода мешавад.

Дархостҳо дар ҳар вақт (бе мӯҳлати охирони пешниҳод) қабул карда мешавад.

**Раванди интихоб**

ДШҲ давра ба давра пешниҳодҳоро тибқи нақшаи кории худ таҳлил мекунад. Баъди интихоби пешакӣ дархостдиҳандагони аз интихоби пешакӣ гузашта барои гирифтани маълумоти иловагӣ ва тафтиш пурсида мешаванд. Баъди ин қадам, дархостдиҳандагон дар бораи ҳамаи талаботҳо огоҳ карда мешаванд ва ба онҳо зарур мешавад, ки бастаи пурраи лоиҳаи дархостиро ба воситаи почтаи электронӣ ва ё дар шакли чопӣ пешниҳод кунанд.

ДШҲ ба таври мустақим бо дархостдиҳандагони пешакӣ интихобшуда тамос мегирад. Дархостдиҳандагон бояд аз муроҷиати мустақим ба ДШҲ барои гирифтани маълумот дар бораи ҳолати дархосташон худдорӣ кунанд. Ба ғайр аз ин ДШҲ ҳар гуна арзу шикоятро баррасӣ намекунад.

**Талабот ба маблағгузорӣ**

ДШҲ дар шакли саҳм на бештар аз 80% аз маблағи умумии лоиҳаро дастгирӣ менамояд. Фақат дархостҳое, ки кафолати маблағгузории мустақим ва тарафи дигарро дар ҳаҷми на камтар аз 20 фоиз аз арзиши лоиҳа таъминкунанда, ҳаққи иштирокро доранд. Грантҳо ба таври истисноӣ бо пули миллии сомонӣ дода мешаванд.

**Раванди пешниҳоди комили дархостҳо (қадами 2)**

Бастаи лоиҳаҳои пешниҳодӣ (фақат барои дархостҳои пешакӣ интихобшуда):

- Лоиҳаи дархостии пурра бо нишон додани маблағгузории беруна ё саҳм дар шакли нақдии таъминшуда ё таъминнашаванда
- Буҷети лоиҳаи пешниҳодӣ, тибқи намунаи ДШҲ бо нишон додани ҳамаи саҳмҳои беруна (дар шакли нақдӣ ва ё ғайринақдӣ ) аз ташкилотҳо ва ё дигар манбаъҳо
- Нақшаи корӣ
- Нусхаи ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ (барои шахсони ҳуқуқӣ) ё нусхаи шиноснома (барои дархосткунандагони инфиродӣ)
- Нусхаи Оинномаи ташкилот
- Маълумотҳои бонкӣ
- Шарҳи ҳоли (CV)– и кормандони асосии лоиҳа ва ё мушовирон/кормандони захиравӣ
- Тавсияномаҳо ва ё маълумоти дигар дар бораи фаъолиятҳои қаблӣ
- Ҳамагуна ҳуҷҷатҳои дигар вобаста ба фаъолияти лоиҳа

**Қадамҳои баъдӣ**

ДШҲ бояд бастаи лоиҳаи пешниҳодиро таҳлил намуда, эҳтимолан ба ҳуҷҷатҳо, буҷет ва мӯҳлат ворид намудани тағйирот ва иловаҳоро талаб кунад.

Дар ҳолати лоиҳаҳои дархостӣ қабул шудан байни ДШҲ ва дархостдиҳандагон шартнома баста мешавад.

ДШҲ метавонад дар ҳар вақт пешниҳоду арзу шикоятҳои дархосткунандагонро рад кунад.

**Замима: Дастур барои пешниҳоди лоиҳа**

**ШАКЛИ МУХТАСАРИ ЛОИҲАИ ДАРХОСТӢ**

| | |
|---|---|
| 1. Номи дархосткунанда ва маълумот барои алоқа (мақоми ҳуқуқӣ, суроға, телфон, почтаи электронӣ) | |
| 2. Шахси масъул *(ном,телефон, почтаи электронӣ)* | |
| 3. Номи лоиҳа | |
| 4. Тавсифи мухтасар | |
| 5. Мақсад *(мухтасар, ҳади аксар 2 мақсад)* | |
| 6. Натиҷаҳои интизорӣ *(мухтасар ҳадди аксар 2)* | |
| 7. Ҷои ҷойгиршавӣ ва фарогирии ҷуғрофӣ | |
| 8. Манфиатгирандагон | |
| 9. Давомнокии лоиҳа (дар моҳҳо) | |
| 10. Партнёрҳо | |
| 11. Чорабиниҳои асосӣ/фаъолият | |
| 12. Маблағи умумии буҷет *(тақрибан,бо сомони)* | |
| 13. Саҳми дархостшаванда *(ҳаҷм аз фоизи умумии буҷет)* | |
| 14. Маълумоти зарурии дигар | |
| 15. Замони пешниҳод | |